# Такриз

ба автореферати диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300–Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)

Омӯзиш ва таҳқиқи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ кайҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Муҳаққиқон аслан то ин замон ба масъалаҳои муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ даст зада бошанд ҳам, вале таҳлилу таҳқиқи вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори нависандагони ӯзбек хеле кам ба чашм мерасад.

Ба ин маънӣ таҳқиқоти мавриди назар, ки аз ҷониби Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич зери унвони “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” таҳия гардидааст, фарогири як қатор масъалаҳои дузабонӣ мебошад. Дар раванди таҳқиқ муаллифи диссертатсия дар асоси усули муқоиса вижагиҳои фарқкунандаи забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро ошкор сохтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби муфассал, хулоса ва феҳристи адабиёти илмии ба мавзӯъ алоқаманд мураттаб гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

Боби якуми диссертатсия ҷанбаи назариявӣ дошта, муаллиф, асосан, дар атрофи масъалаи мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ хеле огоҳона маълумот додааст. Аз қазоватҳои илмии диссертант маълум мегардад, ки масъалаи мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ яке аз масъалаҳои мубрами забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Дар ин самт корҳои зиёде анҷом ёфта бошанд ҳам, вале муқоисаи масъалаи зикршуда дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ то андозае аз мадди назар дур мондааст.

Муҳтавои асосии боби дуюми диссертатсияро таҳлили луғавию маъноии калимаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ фаро гирифтааст. Муаллиф ба масъалаи таҳлили луғавию маъноии калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ аҳамияти калон дода, онҳоро мавриди таҳқиқ

қарор додааст. Мавкеи илмии диссертант дар рӯёрӯи назарияҳои пешқадами олимони соҳа дар масъалаи дузабонӣ қолиби диққат буда, чунин мавкеъгирӣ ҳусну кубҳи диссертатсияро боз ҳам афзун кардааст.

Таҳлили сохтории калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ, дар мисоли забони осори Абдулло Қаҳҳор мавзӯи баҳси боби сеюми диссертатсия карор гирифтааст. Дар заминаи таҳлили сохтории калимаҳои иктибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ муаллиф зикр мекунад, ки калимасозӣ дар забони ӯзбекӣ бо ёрии пешванд ва пасвандҳои иқтибосии тоҷикӣ яке аз роҳҳои маъмултарин ва сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад. Ин усули калимасозӣ махсусан дар давраи нави инкишофи забони ӯзбекӣ боз ҳам маъмул гардид. Имрӯз низ дар забони ӯзбекӣ сохта шудани калимаҳо бо пешванд ва пасвандҳои иқтибосии забони тоҷикӣ аз усулҳои маъмули калимасозӣ мебошад.

Дар забони ӯзбекӣ калимаҳои сохтае, ки номи касбу ҳунар, унвон, пайрави ягон таълимот ва аъзои ташкилоти ихтиёрӣ будани шахс, инчунин хусусиятҳои шахсро аз рӯйи ихтисос, машғулияташ ифода мекунанд, кисми нисбатан калони калимаҳои иқтибосии сохтаро ташкил медиҳанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар нуҳ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтанаш диссертатсия аз камбудиву норасиҳо холӣ нест, ба монанди:

1. Ба назари мо, дар автореферат иктибосҳоро зиёдтар овардан даркор буд.
2. Дар саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имлоӣ ба чашм мерасад.

Ин камбудиҳо қимати илмии диссертатсияро, ки дар сатҳи баланди илмӣ нигошта шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд.

Диссертатсия дар дарсҳои курси махсуси донишҷӯёни риштаи забоншиносӣ, аз ҷумла, забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ҳамчунин барои муҳаққиқон чун воситаи таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо кӯмак мерасонад. Аҳамияти амалии кор низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Мақолаҳое, ки дар қисмати охири автореферати диссертатсия оварда шудааст, ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич зери унвони “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба

талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ ҷавобгӯ аст.

Диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.


Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ, дотсент Табаров Х.Н.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон

Тел: 93 599 83 30

E-mail: tabarov-64 @mail.ru


«Тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кадр Давлатов Х.Ҳ.

ОТДЕЛ КАДРОВ

«5» октябр 2020